# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Қобилов Аҳмад Абдуллоевич «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ (исму сифат)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ**

Калимасозӣ яке аз пояҳои устувори забон ва ба сухани дигар устувонаи забон ба ҳисоб меравад. Калимасозӣ яке аз унсурҳои зиндаи забон мебошад, зеро ба василаи калимасозӣ рушду инкишофи забон дар давраҳои муайян муайян ва муқаррар карда мешавад. Ҳарчанд дар забоншиносии тоҷик дар ин самти корҳои зиёде анҷом дода шудаанд, вале ҳанӯз масъалаҳои камомӯхтае вуҷуд доранд, ки бо таҳқиқ ва баррасии онҳо манзараи умумии калимасозӣ, ки аз ҷумлаи асосҳои фонди луғавии ҳар як забон, аз ҷумла забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад, муҳим мебошад. Аз ин зовия, рисолаи унвонҷӯ Қобилов Аҳмад Абдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ (исму сифат)» дар такмил ва тадқиқи ин риштаи илми забоншиносӣ мубрам арзёбӣ мегардад.

Рисола, чунонки аз мутолиаи фишурдаи он бармеояд, аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат аст.

Муаллиф дар муқаддима доир ба мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯхташавии он, мақсад ва вазифаҳо, навовриҳои пажуҳиш, нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда маълумоти дақиқ пешниҳод кардааст.

Ду боби аввали рисола ба хусусиятҳои корбурди исму сифатҳои сохтаи «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» бахшида шуда, боби сеюм ба услуби нигориши ин асари арзишманди даврони Оли Сомон марбут мебошад. Яке аз фазилатҳои рисолаи мазкур дар он аст, ки матни аслии ин асар аслан арабӣ буда, тавассути як гурӯҳи калони мутарҷимон ба забони форсии тоҷикӣ тарҷума шудааст. Бинобар ин, сабки нигориш ва тарҷумаи фаслҳои он аз ҳам фарқ мекунад ва маҳз ба ҳамин сабаб диссертант дар боби севум кӯшидааст, ки сабку услуби нигориши ин асарро мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Дар натиҷаи таҳлил ва муқоисаи маводи гирдовардааш ба унвонҷӯ муяссар шудааст, ки дар асоси калимасозиҳои ин рисолаи арзишманди адабӣ таҳқиқоти арзишманд анҷом диҳад. Воқеан, рисолаи мавриди гуфтугӯро дар солҳои охир якасари мазкур дар ташаккули исмҳо пешванди ҳам- ва пасвандҳои –истон, -зор, -када, -гар, -гор, -ор, -иш, -ур, -а, инчунин дар бунёди сифатҳои сохта пешвандҳои бо- \ ба-, бе-, бар- ва пасвандҳои –манд, -нок, -вор, -гун, -ина, -сор ва м. инҳо нақши калони вожасозӣ дошта, бо роҳи васли онҳо ба калимаҳои сода даҳҳо унсури луғавии нав ба вуҷуд омадаанд.

Ҳадафи аслии унвонҷӯ дар боби сеюми рисолааш ҳарчи бештар инъикос намудани вижагиҳои хоссаи ин тарҷумаи асари аҳди Сомониён будааст. Ҳангоми таҳлили маводи гирдовардааш ӯ тавaҷҷуҳашро ба хусусиятҳои сермувозӣ молик будани калимаҳо (мисли анбоз\ ҳанбоз, нигаҳбон \ нигоҳвон…), доираи маъноии вожаҳои ба исму сифат рабтдошта (монанди ба ду маъно истифодагардии худованд, ба се маъно мустаъмал будани пойгоҳ..) ва унсурҳои луғавии нодир (чун чароистон, огоҳманд, ҳақманд…) равона кардааст, ки аҳаммият ва арзиши кори ӯро боло мебардорад.

Ба диссертант муяссар шудааст, ки вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ҳаллу фасл намояд, умумияту тафовути забону услуби “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ”-ро дар мисоли исму сифатҳои сохта муайян кунад ва арзиши ин асарро дар такомули таркиби луғавии забони ниёгон ошкор намояд.

Дар фишурдаи рисола дар баробари муваффақиятҳо баъзе иштибоҳҳо ба мушоҳида расиданд:

1. Фишурда бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, вале бо вуҷуди ин, баъзан ғалатҳои имлоиву китобатӣ роҳ ёфтаанд.

2. Дар баъзе мавридҳо муаллиф барои собит кардани андешаҳояш далели хеле кам меорад.

Бояд гуфт, ки чунин эродҳо ҷузъӣ мебошанд ва ба сифати рисола таъсири манфӣ надоранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Қобилов Аҳмад Абдуллоевич «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ (исму сифат)» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат карда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарризон**: профессори кафедраи назария
ва амалияи забоншиносӣ,
доктори илмҳои филологӣ **Гадоев Нурхон**

дотсенти кафедраи назария
ва амалияи забоншиносӣ,
номзади илмҳои филологӣ **Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич**

«Имзоҳои Гадоев Н. ва Ш. Юсуфовро
тасдиқ мекунам» - Сардори
раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ **Мустафозода Абдукарим**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Почтаи электронӣ: Gadoev.47@mail.ru.
Тел.: (+992) 985380054
"15" феврали соли 2024